# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «04» 08 соли 2025 №278/ди ш. Душанбе

Дар бораи рад кардани додани дараҷаи илмии доктори илм

Мутобиқи сархати ҳабдаҳуми банди 9 ва сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 тасдиқ гардидааст ва банди 7 ва 116 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, фармоиш медиҳам:

1. Қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-040 назди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино аз 25 январи соли 2025, №4 “Дар бораи ба Карим-заде Гуландом Ҷанговаровна додани дараҷаи илмии доктори илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.01.17 – Ҷарроҳӣ” бинобар риоя нагардидани талаботи бандҳои 32 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, бекор ва дар ин асос, дархости шуро рад карда шавад.
2. Баррасии такрории диссертатсияи номбурда тибқи муқаррарот дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фармасевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Холмуродзода Ф.Ш.) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2025, №8

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ